«Тасдиқ мекунам»
Ректори МТҒ «Донишкадаи
тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон»
_______________ Ибодзода З.Ҳ.
аз «07» феврали соли 2024 №3

# НИЗОМНОМА
# ДАР БОРАИ МАҲФИЛИ ИЛМИИ ФАННӢ
# НАЗДИ КАФЕДРАҲОИ
# МТҒ«ДОНИШКАДАИ ТИББӢ-ИҶТИМОИИ ТОҶИКИСТОН»

## 1. Муқаррароти умумӣ

1.1. Низомнома дар бораи маҳфили илмии фаннӣ назди кафедраҳои МТҒ «Донишкадаи тиббӣ - иҷтимоии Тоҷикистон» фаъолияти маҳфили илмии фанниро ба танзим медарорад.

1.2. Маҳфили илмии фаннӣ дар назди кафедраҳои МТҒ «Донишкадаи тиббӣ - иҷтимоии Тоҷикистон» шакли ташкили фаъолияти илмии донишҷӯёни МТҒ «Донишкадаи тиббӣ - ичтимоии Тоҷикистон» мебошад, ки онҳо ба фаъолияти илмии донишкада фаъолона ҷалб карда мешаванд ва ба беҳтарин донишҷӯён дар интихоби самти дурнамои илмии кор ёрӣ мерасонад.

1.3.Маҳфили илмии фаннӣ бояд номи худро дошта бошад, ки самти асосии таҳқиқоти илмии онро инъикос намояд.

1.4.Принсипҳои асосии ташкили фаъолияти маҳфили илмии фаннӣ инҳо мебошанд:

- иштироки ихтиёрии донишҷӯён дар кори маҳфили илмии фаннӣ;
-дар раванди таълим гузаронидани таҳқиқоти амалӣ ва татбиқи таҳаввулот дар раванди таълим;
-диққатро ба ноил гардидан ба натиҷаҳои муайяни таҳқиқот ва пешравиҳо;
-ҷалби унвонҷӯён, докторони фалсафа (PhD), докторон аз рӯйи ихтисосҳо, докторони ҳабилитат, аспирантҳо ва олимони ҷавон барои кор ба маҳфили илмии фаннӣ.

1.5. Маҳфили илмии фаннӣ бо фармоиши муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи МТҒ «Донишкадаи тиббӣ - иҷтимоии Тоҷикистон» таъсис, аз нав ташкил ва барҳам дода мешавад. Ташаббускорони ташкили маҳфили илмии фаннӣ инҳо шуда метавонанд: кормандони илмӣ-педагогӣ, омӯзгорон, аспирантҳо, унвонҷӯён, докторантони



Сканировано с CamScanner

фалсафа (PhD), докторон аз рӯйи ихтисос, доктoрони ҳабилитат ва унвонҷӯёни МТҒ «Донишкадаи тиббӣ - иҷтимоии Тоҷикистон».

1.6. Маҳфили илмии фаннӣ дар назди кафедраҳои МТҒ «Донишкадаи тиббӣ - иҷтимоии Тоҷикистон» таъсис дода мешавад ва инчунин маҳфилҳои илмии байникафедраҳо ва байнифакултетҳо низ ташкил карда мешавад.
1.7. Маҳфили илмии фаннӣ дар фаъолияти худ ба муовини ректори донишкада оид ба илм ва инноватсия ва мудири кафедра ҳисобот медиҳад.
1.8. Фаъолияти маҳфили илмии фаннӣ метавонад аз ҳисоби грантҳо, барномаҳо, сарпарастӣ ва ғайра маблағгузорӣ карда шавад.
1.9. Маҳфили илмии фаннӣ фаъолияти худро дар асоси қонунгузории амалкунанда ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф ва илм, Оинномаи МТҒ «Донишкадаи тиббӣ - иҷтимоии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии донишкада пеш мебарад.

## 2. Мақсад, вазифаҳо ва намуди фаъолият

2.1. Мақсади асосии маҳфили илмии илмӣ фароҳам овардани шароити мусоид барои баланд бардоштан ва тайёр кардани кадрҳои болаёқат тавассути рушди фаъолияти илмӣ-таҳқиқотии донишҷӯён, роҳнамоии касбӣ, фароҳам овардани имконият ба донишҷӯён барои амалӣ намудани ҳуқуқи худ ба рушди эҷодии шахсият дар доираи салоҳият ва муносибати асоснок ба таълиму тарбия.
2.2. Мақсади таъсиси маҳфили илмии илмӣ ин амалӣ намудани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва таълимӣ-методӣ дар самтҳои:

- Бемориҳои дарунӣ;
- Ҷарроҳии умумӣ;
- Бемориҳои сироятӣ;
- Акушерӣ ва гинекологӣ;
- Бемориҳои чашм;
- Бемориҳои гушу гулӯ ва бинӣ;
- Бемориҳои кӯдакона;
- Экспертизаи тиббӣ - судӣ;
- Физиологияи нормалӣ;
- Фармасевтӣ;
- Анатомия;
- Химия;
- Физика;



Сканировано с CamScanner

- Биологӣ;
- Микробиологӣ;
- Вирусологӣ;
- Гистологӣ;
- Беҳдоштӣ ва экологӣ;
- Стоматологӣ ва ғайра.

2.3. Барои ноил шудан ба ин мақсад, ҳалли вазифаҳои зерин зарур аст:

- аз курси 1-ум ҷалб намудани донишҷӯён ба корҳои таҳқиқотӣ;
- ташаккул додани малакаҳои таҳқиқотии илмӣ ба донишҷӯён;
- фароҳам овардани шароит барои амалӣ намудани шахсияти эҷодкор;
- мусоидат ба донишҷӯён дар гузаронидани таҳқиқоти илмии худ;
- таъмини имконияти иштироки аъзоёни маҳфили илмии фаннӣ дар конференсияҳои илмӣ, форумҳо, озмунҳо, намоишгоҳҳо ва ғайра;
- дар доираи самти илмии МТҒ «Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон» гузаронидани таҳқиқоти илмӣ-назариявӣ ва илмию амалӣ;
- дастгирӣ ва ташкил намудани кори илмии донишҷӯён;
- амалӣ намудани роҳнамоии касбӣ ба донишҷӯён.

2.4. Самтҳои асосии фаъолияти маҳфили илмии донишҷӯён иборат аз:

- ташкил, гузаронидан ва амалӣ намудани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва илмӣ-таълимӣ дар доираи самти илмии кафедраҳо, МТҒ «Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон», барномаҳои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар вазорату идораҳо ва агентӣ;
- иштирок дар озмунҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, грантӣ, барномавӣ, лоиҳавӣ ва ғайра;
- азхудкунии амиқи усулҳои гуногуни таҳкикоти илмӣ;
- коркард ва таҳлили маводи таҳқиқоти илмӣ, натиҷаҳои таҳқиқотӣ, таҷрибавию назариявӣ;
- ба даст овардани натиҷаҳои фаъолияти илмию таҳқиқотӣ, илмӣ-таълимӣ ва инноватсионӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Оинномаи МТҒ «Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон»;
- гузаронидани чорабиниҳои илмӣ – семинарҳо, конференсияҳо, симпозиумҳо ва ғайра;
- иштирок дар олимпиадаҳо, озмунҳо ва намоишгоҳҳои корҳои илмии донишҷӯён;
- навиштани реферат ва шарҳи адабиёти ватанӣ ва хориҷӣ;



Сканировано с CamScanner

-пешниҳоди маводи таҳқиқоти илмӣ дар шакли баромадҳо, фишурдаҳо, мақолаҳо;

-шинос шудан бо фаъолияти муассисаҳои гуногуни илмӣ ва коллективҳои илмӣ;

- ҷалб намудани донишҷӯён ба лоиҳаҳои таҳқиқотии маблағгузорӣ;

-ҷалб намудани донишҷӯён ба фаъолияти амалии ташкилотҳои тиббӣ.

2.5. Шаклҳои асосии татбиқи (санҷиши) натиҷаҳои фаъолияти илмии маҳфили илмии фаннии донишчуён инҳо мебошанд:

- шумораи аъзои маҳфили илмии фаннӣ;
- шумораи аъзои маҳфилҳо, ки ба таҳқиқоти маблағгузорӣ ҷалб карда мешаванд;
- шумораи донишҷӯён аз чумлаи аъзои маҳфили илмии фаннӣ, ки дар олимпиадаҳо, озмунҳо ва намоишгоҳҳо ҷойҳои сазовор гирифтаанд;

-шумораи асарҳои аъзои маҳфили илмии фаннӣ дар чорабиниҳои илмӣ ё илмӣ-амалӣ пешниҳодшуда, шумораи ҷойҳои ҷоизадори ишғолшуда;

-миқдори маърузаҳои аъзои маҳфили илмии фаннӣ дар семинарҳои илмӣ ё илмӣ-амалӣ, лексияҳои кушод;

-миқдори чорабиниҳои илмӣ ё илмӣ-амалии ташкилӣ ва (ё) аз ҷониби маҳфилҳои илмии донишҷӯён гузаронидашуда;

-шумораи натиҷаҳои ба қайд гирифташудаи фаъолияти зеҳнии аъзои маҳфили илмии фаннӣ.

## 3. Кори ташкилии маҳфили илмии фаннӣ

3.1.Ташкили фаъолияти маҳфили илмии фанниро Раёсати илм ва инноватсияи МТҒ «Доникадаи тиббӣ- иҷтимоии Тоҷикистон» ба ухда дорад.

3.2.Ҳар як донишҷӯи донишкада, ки барномаи таълимиро бомуваффакият аз худ карда, хоҳиши иштирок кардан дар кори таҳқиқоти илмии маҳфили илмии фанниро баён кардааст, аъзои маҳфили илмии фаннӣ шуда метавонад. Қабул ба аъзогии маҳфили илмии фаннӣ дар асоси аризаи хаттии донишҷӯ сурат мегирад.

3.3.Ҳар як аъзои маҳфили илмии фаннӣ ҳуқуқ дорад бо хоҳиши худ иштирок дар маҳфили илмии фанниро дар вақти дилхоҳ қатъ намояд. Роҳбари илмии маҳфили илмии фаннӣ ҳуқуқ дорад иштироки донишҷӯёнро дар маҳфили илмии фаннӣ, ки накшаи таълимиро аз худ накардаанд ва (ё) ду ва зиёда имтиҳонҳояшонро нагирифтаанд,



Сканировано с CamScanner

боздорад. Аъзогӣ дар маҳфили илмии фаннӣ низ аз лаҳзаи хатми донишҷӯ дар донишкада дар маҳфили илмии фаннӣ катъ мегардад.

3.4. Маҳфили илмии фаннӣ дар се мох як маротиба маҷлис мегузаронад ва маҷлисҳо дар сурати ҳозир будани камаш 2/3 ҳиссаи аъзои он эътибор доранд. Маҷлисҳои маҳфили илмии фаннӣ кушода мебошанд.

3.5. Қарори маҳфили илмии фаннӣ аз рӯйи масъалаи муҳокимашаванда дар сурате қабулшуда ҳисоб мешавад, ки агар ба тарафдории он 50% ба иловаи як овоз аз ҳайати аъзои маҳфили илмии фаннӣ, ки дар маҷлис ҳозир буданд, овоз дода бошад. Шакли овоздиҳӣ аз рӯйи ҳар як масъалаи баррасишаванда бо овоздиҳии кушод муайян карда мешавад.

3.6. Раиси маҳфили илмии фаннӣ аз ҳисоби донишҷӯёне, ки аъзои маҳфили илмии фаннӣ мебошанд, бо овоздиҳии кушод интихоб карда мешавад. Номзаде, ки шумораи бештари овозҳои аъзои маҳфили илмии фанниро гирифтааст, интихобшуда ҳисоб карда мешавад. Раиси маҳфили илмии фаннӣ ба муҳлати як сол интихоб карда мешавад.

3.7. Раиси маҳфили илмии фаннӣ фаъолияти худро дар самтҳои зерин амалӣ менамояд:

- якчоя бо роҳбари илмии маҳфили илмии фаннӣ нақшаи кори солро тартиб медиҳад;
- барои сари вақт иҷро намудани нақшаи кори илмии аъзои маҳфили илмии фаннӣ мусоидат мекунад;
- оид ба кори маҳфили илмии фаннӣ дар ҷаласаи кафедра ва муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи донишкада ҳисобот медиҳад;
- на дертар аз 3 рӯзи корӣ пешакӣ ба аъзои маҳфили илмии фаннӣ дар бораи сана ва ҷои баргузории маҷлиси маҳфили илмии фаннӣ хабар медиҳад.

3.8. Ҳуҷҷатҳои асосии маҳфили илмии илмӣ аз инҳо иборат мебошад:

- Низомнома дар бораи маҳфили илмии фаннӣ назди кафедраҳои МТҒ «Доникадаи тиббӣ- иҷтимоии Тоҷикистон»;
- рӯйхати тасдиқшудаи маҳфилҳои илмии фаннии кафедраҳо;
- рӯйхати аъзои маҳфили илмии фаннӣ;
- ҷадвали баргузории ҷаласаҳои маҳфили илмии фаннӣ;
- протоколи маҷлисҳои маҳфили илмии фаннӣ;
- нақшаи фаъолияти маҳфили илмии фаннӣ барои давраи муайян;
- хисобот дар бораи кори маҳфили илмии фаннӣ дар давраи муайян.



Сканировано с CamScanner

3.9. Дар кори маҳфили илмии фаннӣ кормандони илмӣ-педагогии донишкада ва хам мутахассисони баландихтисоси нигоҳдории тандурустӣ ба сифати роҳбари илмӣ ва мутахассис (эксперт) иштирок карда метавонанд.

3.10. Ҳамоҳангсозӣ ва назорати фаъолияти маҳфили илмии фаннӣ аз ҷониби Раёсати илм ва инноватсияи донишкада амалӣ карда мешавад.

3.11. Роҳбари илмии маҳфили илмии фаннии кафедраҳо:

- ба фаъолияти маҳфили илмии фаннӣ назорат мебарад;
- мақсад ва вазифаҳои асосиро дар самтҳои фаъолияти маҳфили илмии фаннӣ муайян мекунад;
- кори маҳфили илмии фанниро барои иҷрои мақсаду вазифаҳои асосии он тақсим ва ташкил менамояд;
- ба роҳбарияти Раёсати илм ва инноватсияи донишкада оид ба масъалаҳои марбут ба фаъолияти маҳфили илмии фаннӣ пешниҳодҳо ирсол менамояд.

## 4. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои маҳфили илмии фаннӣ

4.1. Маҳфили илмии фаннӣ ҳуқуқ дорад:

- тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи донишкада ва Низомномаи мазкур намудҳои гуногуни корҳои илмӣ, таълимӣ ва илмӣ анҷом дода, ба фаъолият машғул шавад.
- дар доираи салоҳияти аъзои он аз амволи донишкада истифода барад;
- дар соҳаи фаъолияташ бо ташкилотҳои ба ӯ наздик муносибатҳо дошта бошад.

4.2. Маҳфили илмии фаннӣ ҳуқуқ дорад дар бораи ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои илмӣ ё илмӣ-амалӣ ба роҳбарияти Раёсати илм ва инноватсияи донишкада ташаббус нишон диҳад, ки раиси маҳфили илмии фаннӣ бояд пешакӣ (камаш 15 рӯзи календарӣ) дар бораи он ба Раёсати илм ва инноватсия хабар диҳад.

4.3. Маҳфили илмии фаннӣ ҳуқуқ дорад дар ҳама чорабиниҳои илмӣ ё илмию амалӣ, ки аз ҷониби Раёсати илм ва инноватсияи донишкада ташкил ва (ё) гузаронида мешавад, иштирок намояд.

4.4. Масъулият барои сифат ва саривақтӣ аз ҷониби маҳфили илмии фаннӣ иҷро намудани вазифаҳои пешбининамудаи Низомномаи мазкур ба дӯши роҳбари илмии маҳфили илмии фаннӣ мебошад.



Сканировано с CamScanner

## 5. Тартиби ворид намудани тағйироту иловаҳо

5.2.Ба Низомнома дар ҳолати зарурӣ тағйироту иловаҳо ворид карда мешавад.

5.3.Ҳама тағйироту иловаҳо ба Низомнома дар ҷаласаи Шурои олимони донишкада пешниҳод ва баррасӣ карда мешавад.

5.4.Агар 5 ва зиёда тағйирот ворид карда шавад, Низомномаи нав таҳия карда мешавад ва муқаррароти пештараи он сокит дониста мешавад.

Низомнома дар Шурои олимони донишкада «31» январи соли 2024 (протоколи №7/2-6) баррасӣ гардида, маъқул дониста шудааст.



Сканировано с CamScanner